Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.2014, №15/8 тасдиқ шудааст

**НИЗОМНОМА дар бораи истифодаи журнали синфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## I. *МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

Низомнома дар бораи истифодаи журнали синфӣдар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Низомнома)дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон« Дар бораи маориф» , Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таҳия карда шудааст.

2. Низомномаи мазкур тартиби истифодаи дурусти журнали синфиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба танзим медарорад.

3. Журнали синфӣ ҳуҷҷати давлатии меъёрӣ- молиявӣ ба ҳисоб рафта, тартиби пешбурди дурусти он вазифаи ҳар омӯзгор ва роҳбари синф мебошад.

4. Дар муассисаҳои даҳсилоти умумӣ истифадаи журнали синфӣ танҳо ба омӯзгорони дарсдиҳанда, роҳбари синф ва маъмурияти муассисаи таълимӣ, ки бевосита назорати синфҳои алоҳидаро ба уҳда доранд, иҷозат дода мешавад.

5. Истифодаи журнали синфӣ аз тарафи хонанда ва дигар кормандони ёрирасони муассисаи таълимӣ қатъиян манъ аст.

6. Журнали синфӣ танҳо барои як синф дар давоми соли таҳсил истифода бурда шуда, дар сурати мавҷуд будани синфҳои мувозӣ (параллелӣ) бо тартиби 1 «а», 1 «б» вобаста ба миқдори синфҳо рақамгузорӣ мегардад.

Дар сурати мавҷуд будани синфҳои таълмашон бо забонҳои гуногун рақамгузории журнали синфӣ аз синфҳои таълимаш бо забони тоҷикӣ оғоз мегардад.

7. Дар оғози соли таҳсил муовини директор оид ба корҳои таълим ба роҳбарони синф ва омӯзгорони фаннӣ оид ба тартиби истифода ва тақсими саҳифа ба фанҳои таълимӣ ва тарзи хонапурӣ намудани қисмати дуюми журнали синфӣ дар асоси нишондоди Низомномаи мазкур дастур медиҳад.

8. Вобаста ба миқдори соатҳои дар Нақшаи таълимӣ пешбинигардида тақсими саҳифаҳои журнали синфӣ ба фанҳои таълимӣ чунин сурат мегирад: барои 1 соат-2 саҳифа, барои 2 соат -3 саҳифа, барои 3 соат -5 саҳифа, барои 4 соат -7 саҳифа, барои 5 соат -8 саҳифа ва ғайра.

9.Дар саҳифаҳои «Мулоҳизаҳо дар бораи истифодаи журнали синфӣ»

директор, муовини директор оид ба таълим, тарбия ва дигар шахсони дахлдор қайдҳои худро бо дарназардошти норасоиҳои дар журнал ошкоргардида навишта, барои ислоҳи норасоиҳои ҷойдошта мӯҳлат муқаррар менамоянд.

10. Журнали синфӣ тозаю озода нигоҳ дошта шуда. дуқалама навиштан, хат задан ва ислоҳ даровардан дар он қатъиян манъ аст.

11. Тамоми иавиштаҷоти журнали синфӣ бояд хонову покиза ва танҳо бо як ранг (бунафш) сабт карда мешавад.

12. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ танҳо истифодаи журнали синфие, иҷозат дода мешавад, ки намунаи онро мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намуда, тариқи Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ нашр ва дастрас карда шудааст.

## II. *УҲДАДОРИИ РОҲБАРИ СИНФ*

13. Масъулияти истифодаи дурусти журнали синфӣ ба дӯши муовини директор оид ба таълим ва роҳбари синф вогузор карда мешавад.

14. Уададории роҳбари синф дар исгифодаи журнали синфӣ иборатанд аз:

- навиштани муқоваи журнал;
- пур намудани мундариҷаи журнал аз рӯйи нишондоди накшаи таълимӣ:
- навишгани ҷадвали дарсӣ (барои ҳар нимсола дар алоҳидагӣ);

навиштани ному насаби хонандагон тибқи муқарраротии мавҷуда дар саҳифаи аввали барои фанҳои таълимӣ пешбинигардида ва қисмати дуюми журнали синфӣ;

- пур намудани бахшҳои « Маълумоти умумӣ дар бораи хонандагон» Еа «Маълумот дар бораи микдори рӯзҳо ва дарсҳое, ки хонандагон ғоиб будавд»

-хонапурӣ намудани саҳифаҳои «Маълумот дар бораи мукофотонвдан бо нишони маҷмӯи ОММ» ва «Маълумот дар бораи машғулият дар маҳфилҳо (бахшҳо)»;

- гузоштан ва ҷамъбасти баҳои хонавдагон дар «Варақаи маҷмӯии ҳисоботи пешрафт ва рафтори хонавда».

Роҳбари синф вазифадор аст, ки дар сутуни барои кушиши хонаида пешбинигардида калимаҳои «аъло», «хуб», «миёна», «бад», рафтори хонавда - калимаҳои «намунавӣ», «қаноатбахш», «ғайриқаноатбахш» ва дар сутуни қарори Шӯрои педагогӣ ибораи « аз 00.00. 20-,№00 ва дар рӯ ба рӯйи ному насаби хонавда - «ба синфи 00 гузашт» ва ё «такроран ба синфаш моновда шуд»нависад.

Дар сурати хонанда зинаи дуюм ва сеюми таҳсилотро хатм намудан баъд аз қарор ибораи « синфи 00-ро хатм намуд» навишга мешавад.

- ба пуррагӣ навипггани номи фанни таълимӣ (номи фанҳои таълимӣ бо ҳарфи хурд навишта мешаванд) ва ному насаби омӯзгори дарсдиҳанда бо

ҳарфи калон (таърихи халқи тоҷик- Алиев Аббос Алиевич, ё Муҳиддин Саидпур, забони хориҷӣ (англисӣ)- Назарова Суман Саидовна, Беназири Бежандухт).

Дар ҳолатҳои истисноӣ навиштани ному насаби хонанда тариқи кӯтоҳшуда масалан, Маҳваши О, Курӯши У. иҷозат дода мешавад.

-дар ҳамкорӣ бо омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ пур намудани саҳифаи «Нишоидиҳандаи омодагии ҷисмонии хонандагон»;

Нишондиҳандаи омодагии ҷисмонии хонандагон дар оғози соли таҳсил (моҳи сентябр) ва анҷоми соли таҳсил (моҳи июн) бо дарназардошти муайян намудани вазъи саломатӣ ва омодагии ҷисмонии хонандагон пур карда мешавад.

15. Мувофиқи нишондоди Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи таълимӣ хонандагон дар зинаҳои дуюм ва сеюми таҳсилот дар сурати мавҷуд будани шароити зарурӣ ҳангоми таълими фанҳои забони хориҷӣ, техгологияи информатсионӣ, технология (таълими меҳнат) ба зергурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Дар ин сурат барои ҳар зергурӯҳ саҳифаи алоҳида ҷудо карда мешавад.

16. Дар сурати аз як муассиса ба муассисаи дигари таълимӣ гузаштан аз тарафи роҳбари синф дар рӯ ба рӯйи ному насаби хонанда дар ҳар фанни таълимӣ ва «Маълумоти умумӣ дар бораи хонандагон» фармони директор оид ба хориҷ намудан аз сафи хонандагони муассисаи таълимӣ бо таври зайл: фармоиши №00,аз 00.00.20—навишта шуда, баъди пур шудани саҳифа минбаъд ному насаби хонандаи мазкур дар саҳифаҳои нав навишта намешавад.

## III. *УҲДАДОРИИ ОМУЗГОРОНИ ФАННИ*

17. Журнали синфӣ аз тарафи омӯзгори дарсдиҳанда ва дар сурати бемор будан аз тарафи омӯзгоре, ки бо фармони директор онро иваз мекунад, дар рӯзи баргузории дарс пур карда мешавад.

18. Ухдадориҳои омӯзгорони фаннӣ ҳангоми истифодаи журнали синфӣ иборатанд аз:

- пайваста ба қайд гирифтани давомоти хонандагон;

Дар сурати ба дарс иштирок иадоштан хонандаро бо ҳарфи «ғ» (ғоиб )ишора менамояд.

- мунтазам санҷидан ва баҳо додан ба дониши хонанда;

Омӯзгор вазифадор аст, ки бо дарназардошти махсусияти ҳар дарс теъдоди муайяни хонандагонро пурсида баҳо гузорад.

Ҳамчунин, омӯзгор метавонад, ба хонандагоне, ки ба истисиои лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ дар дарс ипггироки фаъолона доранд, баҳо гузорад.

Баҳои хонанда тибқи меъёри баҳогузории панҷбала бо рақамҳои «5», «4», «3», «2» ва «1»ишора карда мешавад.

Ба омӯзгор иҷозати ислоҳ, дуранга ва бо қалам гузопгтани баҳо дода намешавад.

Дар сурати дар як рӯз гузаронидани ду дарс таърихи рӯз ва мавзуи

дарс дар алоҳидагӣ навишта мешавад.

- қайди ҳамарӯзаи мавзуи дарс ва супориши вазифаи хонагӣ;

Дар сутуни мавзуи дарс номи мавзӯъ дуруст, бехато ва хоно навишта шуда, мундариҷаи супориш, намуди иҷро, саҳифаи китоби дарсӣ, рақаМи мисолу масъала ва машкдар сутуни «Вазифаи хонагӣ» навишта мешавад.

Навиштани калимаҳои «хондан», «навиштан» ва «такрор» иҷозат дода намешавад.

- гузоштани баҳо ба диктант, санҷишҳои тестӣ, кори хаттӣ ( аз фанҳои дақиқ), нақли хатгӣ, иншо, корҳои санҷишии лабораторӣ ва амалӣ;

Баҳо ба корҳои хаттӣ дар рӯзи баргузории он гузошта мешавад.

Ба нақии хаттӣ ва иншо ду баҳо: баҳои аввал ба мазмун ва баҳои дуюм ба саводнокӣ гузоштамешавад.

Барои санҷиш ва гузопггани баҳо ба корҳои хаттӣ чунин муҳлат муқаррар карда мешавад:

- диктант, санҷишҳои тестӣ ва кори хаттӣ ( аз фанҳои дақиқ) - то 3 рӯз;
- нақли хаттӣ, корҳои санҷишии лабораторӣ ва амали - то 4 рӯз;

-иншо-то 5рӯз.

- ҷамъбаст ва гузоштани баҳои чорякӣ нимсола, солона, аттестатсия ва ҷамъбастии хонандагон;

Омӯзгор тибқи мӯҳлагҳои муқарраргардада натиҷаи бадастовардаи хонандагонро ҷамъбаст намуда, дар сутуни алоҳида баҳои чорякӣ, нимсола, солона, аттестатсия ва ҷамъбастии хонандагон мегузорад

Дар якҷоягӣ баҳои солона ва агтестатсия баҳои ҷамъбастии хонандаро ташкил медиҳад.

19. Роҳбари синф баҳои баровардаи омӯзгорони фанниро дар саҳифаи варақаи маҷмӯии ҳисоботи пешрафт ва рафтори хонанда мегузорад.

## IV. *МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ*

20. Журнали синфӣ баъда анҷоми соли таҳсил аз тарафи роҳбари синф барои ташхис ба муовини директор оид ба таълим пешниҳод карда мешавад. Дар сурати муқаррар гардадани норасоӣ журнали синфӣ барои бартараф кардани камбудиҳо ба роҳбари синф баргардонида мешавад.

21. Баъда ташхис аз тарафи муовини даректор оид ба таълим ва дар мувофиқа бо даректори муассисаи таълимӣ журнали синфӣ барои нигоҳдорӣ ба бойгонии муассисаи таҳсилоти умумӣ фиристода мешавад.

22. Дар бойгонии муассисаи таълимӣ журнали синфӣ тибқи муқаррароти мавҷуда нигохдорӣ карда мешавад.